**Иқтибос аз протоколи № 11**

маҷлиси васеи шурои олимони факултети забонҳои шарқи МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

аз 31.06 соли 2022

**Иштирок доштанд:** раиси шурои олимони факултет дотсент Раҳимов И.У. ва 20 нафар аъзои шуро, роҳбари илмии унвонҷӯ дотсент Ғиёсов Н.И., унвонҷӯ Ашрапов Б.П.

**РӮЗНОМА:**

**8. Масъалаҳои ҷорӣ**

**8.1. Таъин намудани экспертҳои давраи дуюм барои баҳо додан ба диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи грамматикаи забони арабӣ дар мавзуи “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)” барои дарёфти номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ).**

**ШУНИДА ШУД:** декани факултети забонҳои шарқ, дотсент Раҳимов И.У. баъди тасдиқи рӯзномаи ҷаласа қайд кард, ки диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи грамматикаи забони арабӣ, муаллими калони кафедраи забони англисӣ Ашрапов Б.П. дар мавзуи “Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)” барои ташхиси экспертии давраи дуюм ба шурои олимони факултет пешниҳод шудааст. Аз рӯйи Низомномаи шурои диссертатсионии дифои рисолаҳои номзадӣ бояд ду нафар мутахассис-эксперти холис таъин карда шаванд. Номзадии олимони зерин ба вазифаи эксперти холис пешниҳод карда шуд, ки мутахассисони ботаҷрибаи соҳаи таърихи забони тоҷикӣ ва типологияи муқоисавии забони осори давраҳои гуногуни забони мебошанд: **Ҳакимова Б.Н.** – н.и.филол., дотсент, сардори шуъбаи таҳлил ва робита бо ҷомеаи Донишгоҳи давлатии

ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон; **Раҳматов Ш.А.** – н.и.филол., дотсент, муовини декан оид ба корҳои таълими факултети филологияи тоҷики МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров".

Номзадҳои пешниҳодшуда аз ҷониби ҳозирин дастгирӣ ёфтанд.

Натиҷаи райъдиҳии кушод: тарафдор 20 нафар, зид – "нест", бетараф – "нест".

**БАРОМАД КАРДАНД:** роҳбари илмии унвонҷӯ дотсент Ғиёсов Н.И. ва мудири кафедраи грамматикаи забони арабӣ, дотсент Қӯзиева Н.М.

Роҳбари илмии унвонҷӯ дотсент Ғиёсов Н.И. дар баромади худ зикр дошт, ки интихоб гардидани Ҳакимова Б.Н. – н.и.филол., дотсент, сардори шуъбаи таҳлил ва робита бо ҷомеаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Раҳматов Ш.А. – н.и.филол., дотсент, муовини декан оид ба корҳои таълими факултети филологияи тоҷики МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ба ҳайси муқарризони холис бамаврид мебошад.

Дотсенти кафедраи грамматикаи забони арабӣ Қӯзиева Н.М. иброз намуд, ки муқарризони дар боло номбаршуда дуруст интихоб шудаанд, зеро онҳо дар соҳаи мавриди тадқиқ корбарӣ намуда, худ соҳибунвон гардидаанд. Мо умед дорем, ки онҳо рисолаи номзадии Ашрапов Б.П.-ро ҳамаҷониба таҳлил намуда, ҷабҳаҳои масъалаи номбурдашударо мавриди таҳлил қарор медиҳанд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Баромади декани факултети забонҳои шарқ, дотсент Раҳимов И.У. роҷеъ ба таъин намудани экспертҳои давраи дуюм барои баҳо додан ба диссертатсияи кафедраи грамматикаи забони арабӣ дар мавзуи "Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Карминагӣ ва Садриддин Айнӣ)" барои дарёфти номзад и илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) ба инобат гирифта шавад.

2. Олимони зерин ба сифати муқарризони давраи дуюми экспертизаи диссертатсияи унвонҷӯ Ашрапов Б.П. дар мавзуи "Таҳлили қиёсии вежагиҳои

морфологии ҳиссаҳои номии нутқ дар забони адабии тоҷикии қарнҳои XVIII ва XX (дар мисоли осори Муҳаммадвафои Кармина̄гӣ ва Садриддин Айнӣ)" тасдиқ карда шаванд.

**1) Ҳакимова Башорат Наимовна** – н.и.филол., дотсент, сардори шуъбаи таҳлил ва робита бо ҷомеаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**2) Раҳматов Шӯҳрат Аҳмадҷонович** – н.и.филол., дотсент, муовини декан оид ба корҳои таълими факултети филологияи тоҷики МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров".

3. Аз шурои диссертатсионии 6D.КОА – 037 назди МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) хоҳиш карда шавад, ки қарори мазкурро дастгирӣ намояд.

**Раиси маҷлис, н.и.филол. дотсент:** **Раҳимов И.У.**

**Котиби маҷлис, н.и.филол., дотсент:** **Содиқова Р.А.**

**"Имзоҳои И.У. Раҳимов ва Р.А.Содиқоваро тасдиқ мекунам".**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров":** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**